**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҚАРОРИ**

**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «17» январи соли 2019, № 20

Дар бораи додани иҷозат ба шаҳрванд Садуллоев Б.М. барои сохтмони бинои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгир намудани маркази хизматрасонӣ ва савдо дар ошёнаҳои якуму дуюми он ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи он, дар заминаи хонаҳои истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ №№39/2, 39/4, 39/5 «а» ва 39 ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе

Муроҷиати шаҳрванд Садуллоев Б.М. аз 26 декабри соли 2017, №С-5760 оид ба додани иҷозат барои сохтмони бинои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгир намудани маркази хизматрасонӣ ва савдо дар ошёнаҳои якуму дуюми он ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи он, дар заминаи хонаҳои истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ №№39/2, 39/4, 39/5 «а» ва 39 баррасӣ намуда, бо инобати Шартномаҳои хариду фурӯши квартира ДШ№№0331032, 0327699, 0331009, 0331031, 0350218 мувофиқан дар феҳрастхои тахти №№1Ш-270, 1Ш-228, 1Ш-236, 1Ш-259, 1Ш-474 аз 2, 4, 11 март ва 2 майи соли 2013, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе сабт гардидааст, Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дарачаи А №0387145, ки аз 13 майи соли 2013 дар китоби бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи замини Кумитаи идораи замини шаҳри Душанбе тахти №8313 ба қайд гирифта шудааст мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Ба шаҳрванд Садуллоев Бахтиёр Муродалиевич, барои сохтмони бинои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгир намудани маркази хизматрасонӣ ва савдо дар ошёнаҳои якуму дуюми он ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи он дар заминаи хонаҳои истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Пӯлодӣ №№39/2, 39/4, 39/5, 39/5 "а" ва 39, дар қитъаи замини вобастагардидаи масоҳати умумиаш 1539,37 (як ҳазору панҷсаду сию нуҳу аз сад сию ҳафт) метри мураббаъ, бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмон тибқи лоиҳа иҷозат дода шавад.

2. Шаҳрванд Садуллоев Б.М. ба сохтмони иншоот тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, дар асоси лоиҳаи дахлдор пас аз дастрас намудани хулосаи экспертизаи он, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва иҷозати Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе шурӯъ намуда, баъди анҷоми сохтмон иншоотро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.

3. Ӯҳдадории шаҳрванд Садуллоев Б.М. аз 31 октябри соли 2017 ДШ№0864125 дар хусуси барқарор намудани ҷуброни зарар аз бартарафсозии хонаҳои истиқоматии мавҷудаи №№37/7, 37/9 ва 39/3, воқеъ дар кӯчаи Т.Пулодӣ ва дар заминаи онҳо бунёд намудани майдончаи бозии кӯдакон, варзишӣ наврасон ва истироҳати калонсолон, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар феҳрасти тахти 7Д-633 сабт гардидааст, ба инобат гирифта шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Зувайдзода М.М. гузошта шавад.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ